# ШАРҲИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2018

*Устувории вазъи молиявии низоми бонкии кишвар дар моҳҳои январ – марти соли 2018 дар натиҷаи мукаммалсозии сохтори низоми бонкӣ ва бо андешидани чораҳои солимгардонӣ дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта нисбатан беҳтар гардида, аксари нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ талаботҳои муқаррарнамударо иҷро менамоянд.*

**Кифоятии сармоя.** Меъёри кифоятии сармоя (К1-1) ҳамчун нишондиҳандаи асосии инъикоскунандаи устувории молиявӣ дар низоми бонкӣ (бонкҳо ва ТАҚХ) пурра иҷро гардида, дар ҷамъбасти семоҳаи якуми соли 2018 ба 23,7 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ 1,8 банди фоизӣ зиёд мебошад. Дар робита ба мукаммалсозии сохтори низоми бонкӣ ва зиёд гардидани фоидаи ташкилотҳои қарзӣ сармояи танзимшаванда дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 9,4 фоиз афзуд, ки ба зиёдшавии МКС дар низоми бонкӣ мусоидат намуд.

**1. МКС (К1-1) дар низоми бонкӣ**




**Пардохтпазирӣ.** Дар моҳҳои январ-марти соли 2018 дороиҳои пардохтпазири низоми бонкӣ ба андозаи 12,4 фоиз афзуда, ба 32,0 фоизи дороиҳои умумӣ баробар гардид, ки ба сатҳи умумии меъёри пардохтпазирӣ таъсири мусбӣ расонид. Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1) дар сатҳи низом тибқи талаботи муқарраршуда иҷро гардида, 81,5 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба семоҳаи якуми соли қаблӣ 3,0 банди фоизӣ зиёд мебошад.

**2. Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1)**




Дараҷаи пардохтпазирии бо асъор ифодаёфта дар низоми бонкӣ ба 79,6 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 8,4 банди фоизӣ зиёд мебошад. Ташкилотҳои қарзӣ дар фаъолияти худ кӯшиш менамоянд, ки уҳдадориҳои кӯтоҳмуддати асъориро бо пули миллӣ пардохт намуда, дороиҳои пардохтпазири асъориро зиёд намоянд.

**3. Даромаднокии дороиҳо ва сармоя**




**Даромаднокӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ, вобаста ба мутобиқ гардидани фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ба вазъи воқеии бозор, кам гардидани хароҷотҳои амалиётӣ ва

зиёд намудани арзиши хизматрасониҳо, фаъолияти низоми бонкӣ мусбӣ ҷамъбаст гардида, сатҳи даромаднокии дороиҳо ва сармоя мувофиқан ба 1,4 фоиз ва 5,3 фоиз баробар гардиданд.

**Сифати сандуқи қарзӣ.** Вобаста ба татбиқи чораҳои солимгардонӣ ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 10,1 б.ф. коҳиш ёфта, 34,2 фоизро ташкил намуд. Сатҳи қарзҳои ғайрифаъол дар бонкҳо ва ТАҚХ мувофиқан ба 40,9 фоиз ва 7,8 фоиз баробар гардид.

Бинобар коҳиш ёфтани ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол ва бетағйир мондани нишондиҳандаи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи ҳаҷм, таъминнокии қарзҳои ғайрифаъол ба андозаи 22,4 б.ф. афзуда, ба 65,7 фоиз баробар гардид.

**Хавфи асъорӣ.** Таҳлилҳо собит менамоянд, ки дар робита бо пеш гирифтани сиёсати дедолларикунонии Бонки миллии Тоҷикистон хавфи асъорӣ раванди коҳишёбӣ дорад. Дар ҷамъбасти семоҳаи аввали соли 2018 мавқеи умумии кушодаи асъорӣ кӯтоҳ буда, -14,7 фоизро ташкил намуд, ки меъёри муқарраршударо (±20 фоиз) таъмин менамояд.

Илова бар ин, дар давраи ҳисоботӣ 56,6 фоизи қарзҳои низоми бонкиро қарзҳо бо асъори хориҷӣ ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 4,2 банди фоизӣ кам мебошад. Ҳиссаи пасандозҳои асъорӣ бошад, дар ҳаҷми умумии пасандозҳои низоми бонкӣ дар муқоиса ба семоҳаи якуми соли 2017 ба андозаи 9,5 банди фоизӣ коҳиш ёфта, ба 55,0 фоиз баробар гардид.

**4. Сифати сандуқи қарзӣ**




**5. Нишондиҳандаҳои хавфи асъорӣ**




*Таҳлилҳо дар асоси маълумотҳои оморӣ ва ҳисобҳои Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида шудаанд.*